*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru*

**Т а қ р и з**

**ба автореферати диссертатсияи Шамсов Ҷумъахон Исоевич дар мавзӯи: «Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6Б050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

Муҳимияти таҳқиқоти диссертатсионии Шамсов Ҷ.И. дар мавзӯи: «Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)» дар он асос меёбад, ки вай ба барномаҳо ва асноди меъёрию ҳуқуқӣ, аз қабили барномаи "Дурнамоиислоҳоти хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020", "Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020", "Барномаи ислоҳоти кишоварзӣ", "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", инчунин, бо барномаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мувофиқат мекунад.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки дар асосоҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбии бозори шир дар минтақа тавассути истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда, ки имкони рушди истеҳсоли ширро фароҳам меорад, пешниҳод гардидаанд.

Муаллиф дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар амалкарди бозори шир тавонистааст самтҳои асосии такмили бозори ширро дар асоси ҳамгироии амудӣ, ки ба афзоиши маҳсулот замина мегузорад пешниҳод намояд.

Ба ҳолати кунунии бозори шир дар минтақа баҳо дода, дурнамои нишондиҳандаҳои бозори ширро аз назари худ пешниҳод намудааст.

Унвонҷӯ самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бозори ширро дар асоси истифодаи дастгирии давлатӣ, баланд бардоштани маҳсулнокии чорво тавассути сармоягузорӣ ва афзун намудани корхонаҳои коркарди шир донистааст, ки қобили қабул аст.

Бо назардошти инҳо қайд кардан мумкин аст, ки муаллиф ба мақсади гузоштаашудаи кори диссертатсияи илмӣ ноил гаштааст. Таҳқиқоти кори диссертатсиониро мувофиқан ба талаботҳои шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6Б050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) иҷро кардааст.

Дар баробари муваффақиятҳо ба назари муқарриз кор аз камбудиҳо зерин иборат аст:

1. Ташкили фаъолияти инфрасохтори бозори шир ва маҳсулоти ширӣ дар минтақа, аз фурӯши маҳсулоти ширӣ сар шуда тартиб риоя нагардидааст (истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркарди саноатӣ, фурӯш) (расми 1).
2. Дар матни автореферат хатогиҳои имлоӣ зиёданд, хусусан истифодаи ҳарфи "й" ба ҷои "ӣ".

Вале ин эродҳо наметавонад қимати илмӣ ва амалии дар диссертатсия гирифтаро паст кунад.

Диссертатсияи Шамсов Ҷумъахон Исоевич дар мавзӯи: «Ташаккул ва рушди бозори минтақавии шир (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6Б050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пурра ҷавбгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи
молия ва қарзи Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон: [signature] Ашуров И.С.

Ашуров Ихтёр Саидович, тел.: (+992905557788)
E-mail: ikhtiyor.ashurov@inbox.ru

Имзои Ашуров Ихтиёр Саидович, д.и.и, профессори кафедраи «Молия ва қарз»-и Донишгоҳи Русӣ-Тоҷикӣ (Славянии) Тоҷикистонро тасдиқ менамоям

Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон [stamp: ОТДЕЛ КАДРОВ] А.А.Раҳимов